**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D. КОА-027**
**назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”**
**аз рӯи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**Парвандаи аттестатсионии №**______________
Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 24.12.2021с. №55

Барои сазовор донистани Бобоева Гулбаҳор Шарифовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Диссертатсияи Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дар мавзӯи “Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот” дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №37 аз 15 июни соли 2021, шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Бобоева Гулбаҳор Шарифовна 1 майи соли 1967 таваллуд шудааст. Соли 1988 Филиали Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Т.Г.Шевченкоро дар ш.Қӯрғонтеппа (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав) бо ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**-Абдураҳимзода Қудратулло Саид, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ:**

**Миралиозода Абдусалом Мустафо** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, **Туев Шоҳин Шоевич-** номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.**

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассисаи пешбар (ташхисгар Шукурова Н.-номзади илмҳои педагогӣ, дотсент), ки аз тарафи ректори муассиса Ғаффорӣ Нӯъмонҷон Усмонзода - доктори илмҳои таърих, профессор имзо шудааст, қайд шудааст, ки баррасиҳои илмӣ-назариявӣ

ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи Бобоева Г. Ш. оид ба проблемаи технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот бо роҳу равиш ва тарзу усулҳои муосир дар 22 мақола, аз ҷумла 8 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст, инъикос гардидааст. Таҳқиқоти пешниҳодшуда барои ташаккул ва рушди бархӯрди нав дар раванди ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот метавонад мусоидат намояд ва натиҷаҳои санҷишу таъйиди таҳқиқот дурустии нуктаҳои асосии назариявии онро тасдиқ мекунад.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо** аз тарафи шахсони зерин ба шӯрои диссертатсионӣ ворид шудааст:

Тақризи 1. **Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна**- доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти руси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

Тақризи2. **Салимзода Гулмаҳмад Саид**-номзади илмҳои педагогӣ, директори Коллеҷи энергетикии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ.Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

Тақризи 3. **Насриддинова Майсара Муйдиновна-**номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллимаи кафедраи забонҳои хориҷии ДИС ДДТТ. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

Тақризи 4. **Даминова Арафамо Искандарова**-номзади илмҳои педагогӣ, директори Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз мусбӣ буда, эрод надорад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- вижагиҳои ташаккули салоҳияти иттилооти зимни таълими силсилаи педагогӣ дар низоми салоҳиятҳои умумикасбӣ муайян карда шуданд;

-тавсифи қиёсии технологияи анъанавӣ ва кредитии таҳсилот аз нуқтаи назари ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён таҳлил карда шудааст;

-зарурати дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорату малакаҳои кор бо сарчашмаҳои ахбор дар технологияи кредитии таҳсилот аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст;

-нишондиҳандаҳо ва тавсифи салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда-таҳия гардидааст ;

-мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти омӯзгорони оянда дар раванди кор бо иттилоот коркардшуда, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шудааст.

**Асоси методологии таҳқиқот** ба консепсияи фалсафии таҳсилот, ба назария ва мундариҷаи таҳсилоти касбӣ ва назарияи илмии истифодаи

технологияҳои нав дар ташаккули салоҳияти касбӣ такя мекунад. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқот нишондодҳои асноди ҳуқуқию меъёрии танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба инобат гирифта шуданд. (Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ», «Стандарти давлатии таҳсилот»).

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар коркарди маҷмӯи шартҳои ташкили муҳити таълимӣ оид ба ташаккули малакаҳои донишҷӯён дар кор бо иттилоот дар шароити технологияи кредитии таҳсилот, ошкор ва асоснок кардани шаклу методҳои самараноки кор бо маводи иттилоотӣ дар ҷараёни таълим ва асосноккунии назариявии шаклу намудҳои корҳои мустақилонаи донишҷӯён бо мазмуни таълимӣ ба мақсади ташаккули салоҳияти иттилоотӣ ифода меёбанд.

**Арзиши амалии кор** дар он аст, ки натиҷаҳои он ба ворид намудани мундариҷа ва технологияи кори донишҷӯён бо иттилооти таълимию методӣ имконият медиҳад, ки ба ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда мусоидат хоҳад кард.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зайл муайян карда шудаанд**:

- мундариҷа ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда муайян гардида, нишондодҳо ва тавсифи мундариҷаи салоҳияти иттилоотӣ, сохтор ва мазмуни малакаҳои кори донишҷӯён бо иттилооти таълимӣ ошкор ва асоснок гардидааст;
- сохтори маҷмӯи таълимию методӣ аз рӯйи фан, бо назардошти усулу шаклҳои кор бо маводи иттилоотии таълимӣ аз нуқтаи назари ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён таҳия ва коркард шудааст;
- мазмун ва технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар раванди таҳсилоти донишҷӯёни равияҳои педагогӣ асоснок ва муайян шудаанд;
- технологияи самараноки ташаккули малакаҳои донишҷӯён дар кор бо маводи иттилоотии таълимӣ ҳамчун воситаи ташаккули салоҳияти иттилоотӣ дар амалия коркард ва пешниҳод карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба он асос меёбад, ки ҳамбастагии мақсаду вазифаҳои пешгузошташуда, методҳои истифодашудаи таҳқиқот имкон доданд, ки натиҷаҳои асосноки воқеии тавассути санҷиши озмоишии фарзия ва таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати педагог ба даст оварда шавад.

**Саҳми муаллиф** дар он ифода меёбад, ки ӯ дар асоси омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқ масъалаҳои вазъи имрӯзаи масоили омодагии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсилот дар назария ва амалияи илми педагогика, салоҳияти иттилоотӣ дар низоми салоҳиятҳои умумикасбии омӯзгорони оянда , сохтор ва мундариҷаи ташаккули салоҳияти иттилоотии омӯзгорони оянда дар низоми кредитии таҳсилотро мавриди арзёбӣ қарор додааст. Тасвияи фарзия, муайян намудани вазифаҳои таҳқиқот, коркарди мавод барои гузаронидани озмоиши педагогӣ, иштироки бевосита дар

татбиқи таҷрибавии технзологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯён, ҷамъбасту хулосабарориҳои мустақим аз натиҷаҳои кори озмоишӣ ва тафсири илмии ин натиҷаҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсия мебошанд.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 12 нафар, аз онҳо 6 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ 12 нафар,
муқобили додани дараҷаи илмӣ 0 нафар,
бюллетенҳои беэътибор – нест.

Шӯрои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 24 декабри соли 2021 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дар мавзӯи «Технологияи ташаккули салоҳияти иттилоотии донишҷӯёни макотиби олӣ зимни таълими силсилаи фанҳои педагогӣ дар шароити татбиқи низоми кредитии таҳсилот» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Бобоева Гулбаҳор Шарифовна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-027, доктори илмҳои**
**педагогӣ, профессор** **Шаропов Ш.А.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионии**
**6D.КОА-027**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Бобоева С.Б.**

**24.12.2021с.**